**Шартнома**

**байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ ва тайёр намудани кадрҳо**

*«10» 05 соли 2022* №33-ил *ш. Душанбе*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** дар шахси **Ректор - Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,** ки дар асоси Оинномаи донишгоҳ амал мекунад (минбаъд - **Донишгоҳ**) ва **Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар шахси **Роҳбари Дастгоҳ – Идрисзода Илёс Мумин** (минбаъд - **Дастгоҳ** ) аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ (**Минбаъд - Тарафҳо**), мутобиқи моддаҳои 25 ва 44-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» №1004 аз 22 майи соли 2013 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №137 аз 04 июли 1996 дар бораи гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, тадқиқотҳо дар заминаи Корхона ва банди 27-и протоколи маҷлиси назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2010 таҳти №1с/27-6, шартномаи мазкурро оид ба ҳамкории мақсаднок ба имзо расониданд:

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Мавзӯи шартномаи мазкурро мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни Донишгоҳ ва Дастгоҳ дар самти ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни донишгоҳ (минбаъд-таҷрибаомӯзӣ) мустаҳкам намудани муносибатҳои илмию амалии мутақобилаи тарафҳо ташкил медиҳад.

1.2. Мақсади таҷрибаомӯзӣ–густариш бахшидан бо донишҳои назариявии донишҷӯён ва азхудкардаи малакаҳои касбӣ аз рӯи самт (ихтисос)–и интихобкардаи онҳо мувофиқи стандартҳои таълимӣ ва нақшаи таълимии таҷрибаомӯзӣ мебошад.

1.3. Мақсади муносибатҳои илмию амалии мутақобилаи Тарафҳо - такмил додани сатҳи омодагии кормандон, омода намудани мутахассисони баландихтисос, баланд бардоштани савияи касбии кормандон ва татбиқи барномаҳои илмиву таълимӣ мебошад.

1.4. Ҳамкории Тарафҳо, ки тибқи Шартномаи мазкур амалӣ мешавад, ройгон мебошад.

## 2. САМТҲОИ ҲАМКОРӢ

2.1. Мувофиқи шартномаи мазкур Донишгоҳ ва Дастгоҳ дар самтҳои зерин ҳамкорӣ менамоянд:

-ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни Донишгоҳ;

-ҳамкорӣ ва муҳайё намудани шароитҳои зарурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар Донишгоҳ, инчунин аз ҷониби кормандони Дастгоҳ оид ба масъалаҳое, ки манфиати мутақобила доранд;

-интишори корҳои илмии кормандони Дастгоҳ ва корҳои илмии муштарак (нашри маҷмӯи мақолаҳои илмӣ, васоити таълимию методӣ барои донишҷӯён ва кормандон);

-бо даъвати Дастгоҳ иштирок ва баромад намудани устодони Донишгоҳ бо маърӯзаҳо дар семинарҳо, конфронсҳо, машғулиятҳо ва дигар чорабиниҳои илмию назариявӣ;

-мусоидат дар васеъ намудани махзанҳои илмию амалии Тарафҳо бо адабиёт ва маводи илмӣ;

-барои бо кор таъмин намудани хатмкунандагони болаёқати Донишгоҳ мувофиқи имконият мусоидат намудан.

2.2 Тарафҳо метавонанд ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои шартнома дар самтҳои дигар низ ҳамкорӣ намоянд.

## 3. УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**3.1. Уҳдадориҳои Донишгоҳ:**

-дар асоси нақшаи кории Дастгоҳ таъмини иштироки устодони Донишгоҳ барои баромад бо маърӯзаҳо;

-гузаронидани конфронсҳои илмию амалӣ, семинарҳо ва дигар машғулиятҳои муштарак;

-тибқи тартиби муқарраршуда ҳамасола додани роҳхат ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

- сафарбар намудани донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои дахлдор барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар мuҳлатҳои дар нақшаҳои таълимӣ муқарраршуда;

-то оғози таҷрибаомӯзӣ фиристодани шахси мутасаддӣ барои омода намудани шароити зарурии таҷрибагузаронӣ, таъмини роҳбарии методии таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва бо Дастгоҳ мувофиқа намудани барномаи таҷрибаомӯзӣ ва нақшаҳои инфиродӣ;

-ба донишҷӯён фаҳмонидани дастурҳои дахлдор оид ба ҷараёни таҷрибаомӯзӣ риоя намудани қоидаҳои муҳофизати меҳнатӣ, техникаи бехатарӣ, тозагии санитарӣ, қоидаҳои зиддисухторӣ, қоидаҳои истифодабарии таҷҳизотҳои техникӣ ва барқӣ, қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва реҷаи амалкунандаи махфият дар Дастгоҳ;

-мусоидат дар тавсеаи махзанҳои илмию амалии Дастгоҳ адабиёт ва маводи илмӣ;

-амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартнома бармеоянд.

**3.2. Уҳдадориҳои Дастгоҳ:**

-шинос намудани донишҷӯён пеш аз таҷрибаомӯзӣ ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва тартиботи дохилии Дастгоҳ;

- мусоидат бо устодон ва кормандони Донишгоҳ барои шиносоӣ ва истифодаи маводи зарурии фаъолияти анҷомдодаи кормандони Дастгоҳ то он ҳадде, ки қонунгузорӣ иҷозат медиҳад;

-ҳамасола қабули донишҷӯён барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳо мувофиқ тибқи нақшаи таълимӣ;

-ташкил ва таъмини гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар асоси нақшаҳои таълимӣ;

-таъмини шароити зарурӣ барои амалишавии барномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-таъмин намудани кормандони баландихтисос барои роҳбарӣ дар рафти таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-огоҳ кардани масъулони таҷрибаомӯзии Донишгоҳ дар сурати вайрон кардани интизоми меҳнат ва тартиботи Дастгоҳ;

-ҷалб накардани донишҷӯёни таҷрибаомӯз ба корҳои берун аз нақшаи таҷрибаомӯзӣ пешбинишуда;

-баробари ба итмом расидани таҷрибаомӯзӣ ба ҳар як донишҷӯ додани тавсифнома ва тасдиқи ҳисоботи онҳо бо муҳру имзо;

-дар асоси дархости Донишгоҳ мусоидат ҷиҳати иштироки кормандони Дастгоҳ дар ҷараёни таълим, баромад бо маърӯзаҳо, гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ, иштирок дар маҳфилҳои илмӣ;

-навиштани тақризҳо ба корҳои хатми донишҷӯён аз рӯи имконият;

-сафарбар намудани кормандони Дастгоҳ барои беҳтар намудани фаъолияти илмию таълимӣ ва методии Донишгоҳ дар доираи имконият;

-мусоидат дар зиёд намудани махзанҳои илмию амалии Донишгоҳ бо адабиёт ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии нашрнамудаи Дастгоҳ;

-амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартнома бармеоянд.

## 4. ҚОИДАҲОИ АСОСИИ ГУЗАШТАНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ДАР ДАСТГОҲ

4.1.Донишгоҳ ҳангоми сафарбар намудани донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ риоя намудани талаботи муқаррароти зеринро мефаҳмонад;

-Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-қоидаҳои муҳофизати меҳнатӣ, зиддисӯхторӣ, истифодабарии таҷҳизотҳои техникӣ ва барқӣ, тозагии санитарӣ, инчунин қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва реҷаи махфияти дар Дастгоҳ амалкунанда;

- муносибати эҳтиёткорона бо амволи Дастгоҳ.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

5.1. Шартномаи мазкур ба муҳлати 5 сол баста шуда, он аз лаҳзаи ба имзо расидан эътибор пайдо менамояд.

5.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Тарафҳо тибқи ризоияти мутақобила мумкин аст, ки тағйир дода шавад ё қатъ гардад. Ризоияти тарафҳо бояд дар шакли хаттӣ ба расмият даровarда шавад. Дар ҳолати ба охир расидани муҳлати шартнома, агар яке аз тарафҳо қабл аз шаш моҳи ба охир расидани он тарафи дигарро дар бораи нияти қатъ кардани он ба таври хаттӣ огоҳ насозад, ба ҳамин муҳлат шартнома тамдид карда мешавад.

5.3. Шартнома дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он дар Донишгоҳ ва нусхаи дигар дар Дастгоҳ нигоҳ дошта мешавад.

Нусхаҳо эътибори баробар доранд.

5.4. Дигар шартҳое ки дар шартномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровarда мешаванд.

## 6. СУРОҒАИ ТАРАФҲО

| | |
|---|---|
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон<br>734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 | Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,42 |
| Ректор | Роҳбари Дастгоҳ |
| __________Хушвахтзода Қ.Х. | ____________Идрисзода И.М. |
| «____»___________соли 2022 | «__23__»___05_______ соли 2022 |